## Мавзўи 4.Фалсафаи атиќа

1. Маълумоти умумӣ оиди фалсафаи атиқа
2. Фалсафаи то Суқрот
3. Мактаби пифагорӣ
4. Мактаби элей
5. Мактаби афина
6. Атомистҳо

### Маълумоти умумӣ оиди фалсафаи атиқа

Фалсафаи атиқа дар Юнони қадим тахминан дар асрҳои VII-VI (п.а.м.) ба вуҷд омадааст. Фалсафа дар асоси асотирҳо ба амал омада, мудатҳои дароз дар мазуни фалсафа таъсири он ҳис мешуд.

Одатан таърихи фалсафаи атиқа ба чор давраи асосӣ тақсим мешавад. Давраи аввал- фалсафаи то Суқрот. Ин марҳила асрҳои VII-V-ро дар бар мегирад. Мактабҳои афинӣ, милетӣ, пифагорӣ, элейӣ ва ҳамчунин донишмандони ҷудогонае монанди Гераклит, Эмпедокл, Левкиппа ва Демокрит мутааллиқ ба ҳамин давра мебошанд.

Давраи дуюми инкишофи фалсафаи атиқа (нимаи авали асри V– охири асри IV (п.а.м.)) давраи классикӣ аст. Ин давра бо мактаби софистҳо ва бо номи чунин файласуфони бузург, монанди Суқрот, Афлотун, Арасту машҳур аст.

Давраи сеюм дар таърихи фалсафаи атиқа (охири асри IV-асри II п.а.м) бо номи фалсафаи эленистӣ маълум аст. Ин давра ба пайдоиш ва инкишофи мактабҳои эйпикуриҳо, машоъиён, стоикҳо ва скептикҳо (шакокиён)-и оғозин алоқаманд мебошад.

Давраи чорум (асри I п.а.м. – асри V милодӣ) давраи фалсафаи Рим. Хусусияти хоси ин давра пайдоиши чунин ҷараёнҳо монанди эпикуризм, стоисизм, скептисизм ва навафлотуния мебошад.

**Фалсафаи атика**

| Фалсафаи то Сукрот (VII-Vп.а.м.) | Фалсафаи давраи классики (V-IVп.а.м.) | Фалсафаи давраи эленисти(охири а. IV -II п.а.м.) | Фалсафаи Рим асри I-V милоди |
|---|---|---|---|
| Мактаби милети (Фалес,, Анаксимандр, Анаксимен) | Софистхо | Мактаби эпикури | Эпикуризм |
| Мактаби пифагори (Пифагор ва дигарон) | Сукрот | Машоиён | Стоикхои баъди |
| Мактаби элейи | Афлотун | Стоикхои аввлия | Скептитсизм |
| Мактаби афини | Арасту | Скептикхо | Навафлотуния |
| Атомистхо | | | |
| Гераклит | | | |
| Эмпедокл | | | |